# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

70 СОЛ

***Раёсати арҷманди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***
***ва Садорати муҳтарами факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ!***

***Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо камоли ифтихор Шумо ва ҳайати устодону шогирдони факултаи ҳуқуқшиносиро ба муносибати 70-умин солгарди таъсиси ин даргоҳи илму адолат табрику шодбош гуфта, бароятон сарбаландии мудом ва комёбиҳои бардавом таманно дорад.***

***Дар ҳафтод соли пурбор факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ барои кишвари мо садҳо ҳуқуқшиносони варзида тарбия намуда, дар ташаккули низоми ҳуқуқии Тоҷикистон саҳми шоиста гузоштааст. Таърих гувоҳ аст, ки хусусан равандҳои муҳимтарини даврони Истиқлол ва таҳкими давлатдории миллӣ, аз ҷумла таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, такмили сохтори идории кишвар ва ташаккули низоми қонунгузории миллиро бе ҳузури ҳуқуқшиносони варзидаи мамлакат, ки аксаран дастпарварони ин даргоҳанд, тасаввур кардан душвор аст.***

***Бо камоли қадрдонӣ аз заҳматҳои ватандӯстонаи Шумо, боварии комил дорем, ки устодони гиромӣ ва шогирдони рашиди ин дарбори маърифат, бо таҷрибаву кордонӣ ва илму дониши худ минбаъд низ дар пешбурди фаъолияти факултаи ҳуқуқшиносии ДМТ ба нафъи Ватани азизамон ҳиссаи шоиста мегузоред. Дар ин самт, мо ба коллективи факулта неруи созанда, гомҳои устувор ва бурдбориҳо орзумандем. Бигзор меҳнати созандаи Шумо баҳри амалӣ намудани ҳадафҳои созандаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равона гардида, ба баландравии некӯаҳволии мардуми шарифи Тоҷикистон заминаи боэътимод муҳайё созад.***

***Бо камоли эҳтиром,***
***Директори Марказ*** ***Д.Б. Қодирзода***